**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 27 марти соли 2026, №78** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодирзода Диловар Баҳридин, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, Назирӣ Гулбаҳор Назир - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ризозода Тура Раббим – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Ҳикматов У.С., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Умаров Х.У. ва д.и.и., профессор Раҳимзода Ш., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Икромӣ Фазлиддин Нуриддинро бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**27 марти соли 2026**